**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Каримӣ Мадина Давронзода дар мавзуи "Хусусиятҳои ташкили сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд (Дараи Сабз) ва таъсири он ба устувории геоэкологӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география)**

Қонеъгардонии талаботи фард ба табиати солим баҳри саломатии бардавоми худ моҳияти асосии намуди нави сайёҳӣ, яъне сайёҳии экологиро ташкил медиҳад. Бо сабабҳои гуногун ин намуди сайёҳӣ алҳол дар ҳудуди Тоҷикистони соҳибистиқлол дар дараҷаи зарурӣ рушд наёфтааст. Ҳол он, ки маҳз сайёҳии экологӣ метавонад фашанги пурзӯри рушди иқтисоди кишвари мо бошад. Бинобар ин, омӯзиши имкониятҳои мавҷудаи минтақаҳои мухталифи кишвар ҷиҳати рушди сайёҳии экологӣ мавзеи мубрами рӯз маҳсуб ёфта, муҳаққиқонро водор менамояд, ки ҷиҳати татбиқи васеи он кӯшиш намоянд.

Диссертант Каримӣ М.Д. масъалаи рушди сайёҳии экологиро дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда меҳвари асосии таҳқиқоти худ қарор додааст, ки барои рушди минбаъдаи он дар дурнамо заминаи боэътимод фароҳам меоварад. Зеро, рушди сайёҳии экологӣ дар навбати худ ба ташаккул ва такомули системаи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда – мамнӯъгоҳҳо, парваришгоҳҳои табиӣ, боғҳои миллӣ, ёдгориҳои табиӣ, геологӣ, геоморфологӣ ва ландшафтӣ алоқаманд буда, ин раванд зарурати таҳия ва коркарди стратегияи алтернативии рушди ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ва аниқ намудани мавқеи сайёҳии экологӣ дар онҳоро тақозо менамояд.

Мусаллам аст, ки муҳаққиқони сершумори хориҷиву ватанӣ ҷиҳати омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои асосии сайёҳии экологӣ, яъне дараҷабандӣ ва арзёбии иқтидори рекреатсионии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, таснифоти онҳо, ҳифзи ҳудудҳои табиӣ таҳқиқотҳои хоса гузаронидаанд, ки аҳамияти баланди сайёҳии экологиро дар рушди иқтисоди

кишварҳо таъкид менамояд. Вале, бо сабабҳои гуногуни объективӣ ва субъективӣ, яъне ҷузъӣ таҳқиқоти ташаккул ва такомули сайёҳии экологӣ бо таъсири он ба комплекси табиӣ ва иқтисодиёти ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда то ҳанӯз дар дараҷаи кофӣ қарор надорад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти гузаронидаи диссертант Каримӣ М.Д. ҷиҳати омӯзиши хусусиятҳои табиӣ, геоэкологӣ ва экологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, дар мисоли парваришгоҳи "Дараи Сабз" дар самти ташкили сайёҳии экологӣ қадами нахустини таҳқиқотӣ мебошад, ки сатҳи навгонии илмии онро қайд мекунад. Ба ӯ муяссар гардидааст, ки дар самтҳои аниқ кардани омилҳои асосии ташкил ва рушди сайёҳии экологӣ ва хусусиятҳои тағйирёбии онҳо дар ҳудуди парваришгоҳи "Дараи Сабз", таҳияи харитаҳо, хатсайрҳои сайёҳии экологӣ дар ҳудуди парваришгоҳи "Дараи Сабз", муайян кардани омилҳои таъминкунандаи устувории геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ҳангоми ташкили сайёҳии экологӣ дар онҳо ва ҳоказо таҳқиқотҳои ҷолиби илмиро гузаронад ва ба расмият дарорад.

Дар натиҷаи таҳқиқи маҷмуавии шароит ва захираҳои табиӣ-геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд, ҳамчун объекти табиӣ ва сайёҳӣ ӯ тавонистааст арзёбии имкониятҳо, иқтидори ташкил ва рушди сайёҳии экологӣ дар заминаи захираҳои табиӣ-геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд амалӣ намояд. Дар ин ҷода, таҳияи харитаҳои геоэкологӣ, рекреатсионӣ ва хатсайрҳои сайёҳӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда (парваришгоҳи "Дараи Сабз") омӯзиши таъсири бевосита ва мутақобилаи сайёҳии экологӣ ба муҳити геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда аз комёбиҳои назарраси диссертант дарак медиҳад. Ӯ тавассути муайянсозии сохтор, ҳолат ва хусусиятҳои ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд дар таъмини рушд ва истифодаи оқилонаи иқтидори сайёҳӣ-рекреатсионии мавҷуда, омӯзиши таъсири сайёҳии экологӣ ба устувории геоэкологии маҳал ба муҳити зисти ҳудуди парваришгоҳи "Дараи Сабз" ва ғайра заминаи

мусоид фароҳам сохтааст. Аммо, дар таҳқиқот арзёбии захираи мавҷудаи объекти табиӣ дар заминаи таҳлили маълумотҳои мавҷуда амалӣ гардидааст, ки боиси мавриди тавзеҳот қарор нагирифтани ҷанбаҳои таъсиррасон ба устуворияти геоэкологии маҳал дар мисоли рушди сайёҳии экологӣ шудааст. Инчунин, дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳои техникӣ ва имлоӣ ба мушоҳида мерасанд.

Новобаста аз норасогиҳои ҷузъии қайдгардида қимати илмии диссертатсияи мазкур хеле баланд ва сатҳи хуби таҳлили маълумотҳои илмии он ба мушоҳида мерасад, ки дар маҷмуъ ҳамчун муҳаққиқи кордон ташаккул ёфтани диссертант Каримӣ Мадина Давронзодаро исбот менамояд ва ӯ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:** номзади илмҳои география,
и.в. ассистенти кафедраи физикаи тиббӣ ва биологӣ
бо асосҳои технологияи информатсионӣ
Муассисаи таълимии ғайридавлатии
“Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” Раҳимов С.А.

Суроға: 734027, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Лучоби поён, 129
Тел.: (+992) 98-145-42-16
E-mail: saidabror.rahimov@bk.ru

Имзои Раҳимов С.А.-ро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳои
Муассисаи таълимии ғайридавлатии
“Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” и.в. Қарахонзода М.М.

Суроғаи муассиса:
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи К.Сеткина 2
Тел.: (+992) 918-67-74-48
E-mail: dtit082020@gmail.com

“ 7 ” 11 соли 2025